# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллович дар мавзуи «Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902-Сабзавотпарварӣ, ш. Душанбе, 2026 с.**

Диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзуи «Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902-Сабзавотпарварӣ дар баландии зиёда 650 метр аз сатҳи баҳр дар шароити хокҳои хокистарранги мукаррарии куханобёришаванда ба анҷом расонида шудааст.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия** ба ҳалли мушкилотҳои соҳаи сабзавотпарварӣ нигаронида шуда, ба соҳаи кишоварзӣ, аз рӯйи шиносномаи ихтисоси 6D080902 - Сабзавотпарварӣ мутобиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи тадқиқот.** Бехпиёз яке аз зироатҳои муҳими соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб рафта дар таъмини амнияти озуқаворӣ аҳолӣ ва ҳамчун маҳсулоти содиротӣ дар баланд бардоштани некуҳаволии халқ нақши калидӣ дорад.

Тоҷикистон, ба яке аз минтақаҳои марказҳои генетикии пайдоиши пиёз дохил мешавад ва шароити иқлимии ҷумҳурӣ барои парвариши намудҳои гуногуни пиёз, аз он ҷумла пиёзи бехӣ мусоид мебошад. Ҳамасола аз миқдори умумии заминҳои барои парвариши сабзавотиҳо ҷудо гардида, 30-40 % -ро кишти пиёз ташкил медиҳад. Солҳои охир бо баъзе сабабҳои обективӣ ва субективӣ ҳаҷми истеҳсоли пиёзи бехӣ дар ҷумҳурӣ кам шуда истодааст. Сабабҳои он, ин кам шудани майдони кишт, пастшавии ҳосилнокӣ, талафоти маҳсулоти пиёз дар вақти нигоҳдорӣ мебошад. Барои баланд бардоштани ҳосилнокии пиёзи бехӣ ин интихоби дурусти тухмии навъҳои серҳосилу ба шароити иқлими маҳал мутобиқгардида, ба роҳ мондани технологияи инноватсионии парвариш, истифодаи меъёри муътадили нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ва мубориза бо касалию зарарасонҳо дар вақти нашъунамо мебошанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Аввалин бор дар шароити заминҳои обии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон муҳлати мувофиқи кишт ва меъёри муътадили истифодабарии нуриҳои органикӣ ва маъданӣ дар парвариши пиёзи бехӣ муайян шуда илман асоснок гардидаанд. Инчунин муаллиф

таъсири истифодабарии нуриҳои органикӣ ва маъданиро ба таркиби биохимиявии пиёз, устувории навъҳои ба тадқиқот фарогирифтаро ба касалиҳо ва фоизи талафоти онҳоро дар вақти нигоҳдорӣ муайян намудааст.

Барои расидан ба мақсади тадқиқоти илмиаш, унвонҷӯ **Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич** чунин нуқтаҳои муҳими илмиро ба ҳимоя пешниҳод намудааст:

1. Такмил додани меъёрҳои истифодаи нуриҳои органикӣ ва маъданӣ барои гирифтани ҳосили баланди бехпиёз;
2. Муқаррар намудани таъсири истифодаи меъёри нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосили зироати бехпиёз;
3. Самаранокии иқтисодии парвариши бехпиёз вобаста аз таъсири муҳлати кишт ва меъёри истифодаи нуриҳои органикӣ ва маъданӣ. .

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Натиҷаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф ҳамасола дар ҷаласаҳои шурои олимони факултети агрономии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур муҳокима карда шудаанд. Матни диссертатсия дар барномаи компютерии Microsoft Word (2010) ва натиҷаҳои гирифташуда бо истифода аз усули таҳлили дисперсионӣ тибқи методикаи гузаронидани таҷрибаҳои саҳроии Б.А. Доспехов [1985] дар барномаи компютерии Microsoft Excel (2010) гузаронида шудаст. Хулоса ва пешниҳодҳо ба тадқиқоти илмӣ асос ёфтаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллиф дар омода намудан ва интихоби дурусти мавзуи тадқиқотӣ, аз ҷумла асосноккунии назариявӣ ва амалии самти интихобшуда ва усулҳои тадқиқот, ташкилу гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ, коркарди оморӣ ва тадбиқи натиҷаҳои бадастомада иборат мебошад. Ҷамъбасти натиҷаҳои тадқиқот ва нашри мақолаҳо аз ҷониби муаллиф дар якҷоягӣ бо роҳбари илмӣ анҷом дода шуда, инчунин таҳияи умумии диссертатсия ва автореферати он аслияти матни диссертатсияро инъикос менамоянд. Ҳиссаи саҳми шахсии муаллиф ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои тадқиқот 85 %-ро ташкил медиҳанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ дар ҳаҷми 150 саҳифаи матни компютерӣ нависта шуда, аз муқаддима, 5 боби асосӣ, хулоса, тавсия ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот ва рӯйхати адабиёти истифодагардида иборат аст. Кор бо 31 ҷадвал ва 9 диаграмма мукаммал гардонида шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодагардида 279 адад, аз ҷумла 12 адабиёти хориҷиро дар бар мегирад.

Дар мукаддима аҳамияти мавзуи тадкиқот асоснок шуда, мақсаду вазифаҳо, объекти тадкиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадаст овардашуда муайян шудаанд.

**Дар боби якуми** диссертатсияи Кулиев Қ.Ҳ., маълумотҳо оид ба дараҷаи омӯзиши масъалаи парвариши пиёз, иқтибосҳо аз сарчашмаҳои адабиёти илмӣ ва таълимию услубии муаллифҳои зиёди ватаниву хориҷӣ доир ба сарчашмаҳои таърихӣ дар ду зербоб, аз ҷумла; зербоби якум- аҳамияти бехпиёз ва ҳудуди паҳншавиии он, зербоби дуюм - хусусиятҳои агрохимиявии хок вобаста аз истифодаи нуриҳои маъданӣ, таърихи пайдоиш ва тавсифи ботаникии пиёзи бехӣ, маълумотҳои лозимӣ дар ҳаҷми 21 саҳифа пешниҳод шудааст, ки онҳо шарҳи таҳлилии ин бобро пурра баён менамоянд.

**Боби дуюми** рисолаи диссертатсионӣ аз се зербоб иборат буда, дар зербоби якум – оид ба шароити хокию иқлимии ҷануби Тоҷикистон маълумотҳои дақиқи илмӣ оварда шуда, зербоби дуюм бошад ба усулҳои амалигардонии тадкиқот ва зербоби сеюм ба тавсифи навъҳои ба омӯзиш фарогирифташудаи пиёзи бехӣ бахшида шудаанд.

Тадкиқотҳои илмии саҳроии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар заминҳои обии Кооперативи тиҷоратии «Сайид Алии Ҳамадонӣ»-и шаҳри Кӯлоб бо гузоштани таҷрибаи 1 иборат аз 5 вариант (назоратӣ (бе нурӣ) ва истифодаи меъёрҳои гуногуни нуриҳои маъданӣ) ва таҷрибаи 2 бошад аз 10 вариант (назоратӣ (бе нурӣ) ва истифодаи меъёрҳои гуногуни поруи органикӣ 10, 20 ва 30 т/га ва истифодаи меъёрҳои гуногуни нуриҳои маъданӣ) дар ду мухлати кишт (баҳорӣ ва тирамоҳӣ) амалӣ карда шудааст.

Ба сифати объекти тадкиқот навъҳои бехпиёзи ноҳиябандишудаи «Испанӣ -313» ва «Ҳисорӣ» интихоб карда шудааст.

Унвонҷӯ маълумотҳои муҳимро доир ба нишондодҳои иқлим, таркиби агрохимиявии хок ва тавсифи навъҳои омӯзишӣ пешниҳод намудааст.

**Дар боби сеюми** диссертатсия маълумотҳои илмии натиҷаҳои тадкиқот оид ба давраҳои ташаккулёбӣ ва нашъунамои бехпиёз, вобаста аз мухлати кишт ва истифодабарии нуриҳои маъданӣ, таъсири мухлати кишт ва истифодабарии нуриҳои маъданӣ ба нишондодҳои биометрии зироати бехпиёз, ҳосилнокии зироати пиёз вобаста ба мухлати кишт ва меъёрҳои истфодабарии нуриҳои органикӣ ва маъданӣ, таркиби биохимиявии пиёз вобаста аз меъёрҳои нуриҳо, таъсири нуриҳо ба сифати бехпиёз оварда шудаанд.

Унвонҷӯ Кулиев Қ.Ҳ. муайян намудааст, ки давомнокии давраи ташаккулёбӣ ва нашъунамои бехпиёзи навъи «Ҳисорӣ» дар шароити заминҳои обии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон аз кишт то пухтарасӣ вобаста аз вариантҳои омӯзишӣ дар кишти баҳорӣ ба 159 - 170 рӯз, дар кишти тирамоҳӣ ба 247 - 256 рӯз ва навъи «Испанӣ -313» дар кишти баҳорӣ ба 173 то 182 рӯзро ташкил додааст.

Ҳамзамон массаи аз ҳама зиёди як растанӣ, массаи бехпиёз ва шумораи баргҳо дар кишти баҳорӣ ва тирамоҳии навъи «Ҳисорӣ» дар варианти истифодаи меъёри нуриҳои маъданӣ - $N_{240}P_{90}K_{90}$ кг/га баъд аз 140 рӯзи нашъунамо массаи як растанӣ нисбат ба 60 рӯзи ташаккулёбӣ ба 71,4 г., массаи бехпиёз ба 68,6 г. ва шумораи баргҳо ба 30 дона зиёд гардидааст.

Муаллиф дар таҷрибаи 1-уми худ ҳосили баланди бехпиёзи навъи «Ҳисорӣ» дар кишти баҳорӣ ба ҳисоби миёна (55,8 т/га) ва дар кишти тирамоҳӣ ( 44,6т/га ) дар вақти истифодаи нуриҳои маъданӣ бо меъёрӣ $N_{240}P_{90}K_{90}$ кг/га ба даст овардааст. Муайян намудааст, ки ҳосили иловагӣ дар ин ҳолат дар кишти баҳорӣ нисбат ба варианти назоратӣ ба 30,2 т/га ё 117,7 % ва дар кишти тирамоҳӣ ба 26,1 т/га ё 141,4 % зиёд гардидааст.

Баъд аз 7 моҳи нигоҳдорӣ дар ҳарорати -1+4 ва дар намнокии 70-75% дар сардхона баромади сифати молии бехпиёзи навъи «Ҳисорӣ» вобаста ба вариантҳо аз 80,5% (дар варианти назоратӣ) то 75,3 % ($N_{240}P_{120}K_{90}$ кг/га) ва навъи «Испанӣ -313» аз 81,7 % ( назоратӣ) то 72,9 % ($N_{240}P_{120}K_{90}$ кг/га) ба қайд гирифта шудааст. Дар ин ҳолат талафёбии умумӣ вобаста ба вариантҳои омӯзишии бехпиёзи навъи «Ҳисорӣ» аз 19,5 то 24,7 % ; талафот аз ҳисоби вазн аз 5,0 то 7,8 %, касалиҳо аз 9,6 то 11,5 % сабзиш аз 4,9 то 5,4 % ва навъи «Испанӣ -313» мутаносибан аз 18,0 то 27,1 %; 5,1 то 8,0 %; 8,0 то 13,4 %; 4,8 то 6,0 % - ро ташкил додааст.

Яке масъалаҳои хеле муҳими тадқиқоти муаллиф ин нигоҳдорӣ дар сардхона ва баромади молии бехпиёз буда, муқаррар намудааст, ки баъд аз 7 моҳи нигоҳдорӣ дар ҳарорати -1+4 $^0$C ва дар намнокии 70-75 % дар сардхона баромади сифати молии бехпиёзи навъи «Ҳисорӣ» вобаста ба вариантҳо аз 80,5% (дар варианти назоратӣ) то 75,3 % ($N_{240}P_{120}K_{90}$ кг/га) ва навъи «Испанӣ -313» аз 81,7 % ( назоратӣ) то 72,9 % ($N_{240}P_{120}K_{90}$ кг/га), инчунин талафёбии умумӣ вобаста ба вариантҳои омӯзишии бехпиёзи навъи «Ҳисорӣ» аз 19,5 то 24,7 % ; талафот аз ҳисоби вазн аз 5,0 то 7,8 %, касалиҳо аз 9,6 то 11,5 % сабзиш аз 4,9 то 5,4 % ва навъи «Испанӣ -313» мутаносибан аз 18,0 то 27,1 %; 5,1 то 8,0 %; 8,0 то 13,4 %; 4,8 то 6,0 % - ро ташкил додааст.

**Боби чоруми** рисолаи диссертатсионӣ аз шаш зербоб иборат буда, муаллиф дар ин боб натиҷаҳои тадқиқотро дар таҷрибаи 2 оид ба таъсири

истифодаи меъёрҳои гуногуни нуриҳои маъданию органикӣ ба нашъунамои бехпиёз, ченкуниҳои биометрӣ, ҳосилнокӣ, таркиби биохимиявӣ, баромади сифати маҳсулот, нигоҳдорӣ ва самаранокии иқтисодии парвариши зироати бехпиёзро вобаста бо таҳлили васеъ пешниҳод намудааст.

Унвонҷӯ муайян намудааст, ки ҳосили баланди бехпиёзи навъи «Ҳисорӣ» дар вақти истифода намудани 30 т/га нурии органикӣ ва илова ба он истифодаи нуриҳои маъданӣ бо меъёри $N_{60}P_{40}K_{30}$ ва $N_{120}P_{80}K_{60}$ кг/га мутаносибан 45,8 ва 49,6 т/га ба даст оварда шуда, ҳосили иловаги бехпиёз бошад нисбат варианти назоратӣ аз 23,5 то 27,3 т/га, нисбат ба вариантҳои 2,3,4 ум мутаносибан аз 21,3 то11,8 т/га ва нисбат ба вариантҳои 5,6 7-ум аз 19,3 то 9,7 т/га зиёд гардидааст.

Дар байни вариантҳои омӯхташуда бошад, аз ҳама зиёд талафёбии баъд аз 7 моҳи нигоҳдорӣ дар ҳарорати - 1+4 С, намнокӣ 70-75% дар вақти истифодаи 30 т /га нурии органикӣ ва истифодаи $N_{120}P_{80}K_{30}$ кг/га ба қайд гирифта шуда, талафёбии умумӣ 24,0%, талафот аз ҳисоби гум кардани вазн 6,2; аз касалиҳо 12,9% ва аз сабзиш 4,9%-ро ташкил дод, ки нисбат ба варианти назоратӣ (бе нурӣ) мутаносибан ба 6,1; 0,7; 5,0; 0,4% зиёд мебошад.

Муайян намудааст, ки самаранокии баланди иқтисодии бехпиёзи навъи «Ҳисорӣ» ва «Испанӣ -313» дар кишти баҳорӣ ва тирамоҳӣ дар вақти истифодаи меъёри нурии маъданӣ – $N_{240}P_{120}K_{90}$ кг/га ба даст оварда шуда, нисбат ба варианти назоратӣ дар кишти баҳорӣ арзиши аслии маҳсулот ба 60400 сомонӣ, даромади соф ба 53688 сомонӣ, сатҳи даромаднокӣ ба 130,4% зиёд гардида, арзиши аслии як сентнер маҳсулот ба 26,9 сомонӣ паст шудааст ва дар кишти тирамоҳӣ бошад мутаносибан баробар 65250; 58501 сомонӣ; 142,9%; 22,7 сомонӣ.

Муқаррар намудааст, ки дар байни вариантҳои омӯзишӣ, самаранокии аз ҳама баланди иқтисодии парвариши бехпиёз дар вақти якҷоя истифода намудани 30 т/га пору + $N_{120}P_{80}K_{60}$ ба даст оварда шуда, даромади софи бехпиёз ба 60257 сомонӣ, сатҳи даромаднокӣ ба 154,7% ва арзиши аслии як сентнер маҳсулот ба 39,3 сомониро ташкил дродааст, ки нисбат ба варианти назоратӣ мутаносибан ба 45782 сомонӣ, 106,7% ва 28,6 сомонӣ зиёд мебошад.

Дар боби панҷуми диссертатсия натиҷаҳои ба дастовардашудаи тадқиқот аз тарафи муаллиф пурра баррасӣ карда шудааast.

**Хулоса** аз 12 банд иборат буда, асоси натиҷаҳои бадастомада ҳисобида мешавад.

Аз ҷониби муаллиф се тавсияи судманд оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот дар истеҳсолот пешниҳод гардидааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Аҳамияти тадқиқотҳои илмии баанҷомрасонидашуда аз он иборат мебошад, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ меъёри муътадили истифодабарии нуриҳои маъданию органикӣ, муҳлати кишт, ва нигоҳдории пиёз илман асоснок гардида, барои татбиқ дар истеҳсолот тавсия дода шудаанд.

Натиҷаҳои ба дастовардашудаи тадқиқот оид ба парвариши пиёзи бехӣ дар Кооперативи "Саид Али Ҳамадонӣ"- и шаҳри Кӯлоб дар майдони зиёда аз 50 га татбиқ карда шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ.** Диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзуи «Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаиӣ Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902-Сабзавотпарварӣ дар асоси талаботҳои «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия», ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.,

Автореферат, ки таркиби диссертатсияро дар шакли фишурда инъикос менамояд, ба «Талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267» тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ғалатиҳои оморӣ, имлоию граматикӣ ҷой доранд, ки онҳоро метавон чунин баён намуд:

1. Дар тайёр кардани замин барои кишти пиёз аввали тирамоҳ ва тирамоҳ обмонии фиребӣ (барои руйидани алафҳои бегона), истифодаи гербисидҳои решаканкунанда бо таъсири саросарӣ (Глифосат, Раундап, Уроган- Форте ва ғайра) яке аз ҷузъиётҳои муҳими парвариши пиёзи бехӣ ба ҳисоб мераванд. Вале мутаасифона муаллиф онҳоро дар технологияи параваприши пиёз сарфи назар кардааст.

2. Витаминнокии бехпиёз аз ҳисоби витамин С бо % нишон дода шудааст, хуб мешуд ки ин нишондод бо мг/% ё мг/100 г ифода мегардид.

3. Дар ҷадвали 4.6.3 воҳидҳои гуногуни ченаки ҳосил т/га ва сентнер ба кор бурда шудаанд. Айни замон дар корҳои илмӣ воҳиди ченаки ҳосилнокӣ на бо сентнер балки бо грамм, кг ва тонна ҳисоб карда мешавад.

4. Дар ҳамин ҷо ҷадвали 4.6.3. арзиши аслии маҳсулот = Хароҷоти умумӣ /ҳосилнокӣ (мисол дар варианти назоратӣ 30125 сомонӣ/223 сентнер=135 сомонӣ/сентнер мешавад). Лекин дар ҷадвал 67 сомонӣ/сентнер нишон дода шудааст.

5. Дар раванди кишти баҳорӣ муҳлати истифодаи нуриҳои органикӣ нишон дода нашудааст.

6. Хатогиҳои граматикӣ, техникӣ ва имлоӣ гарчанде, ки зиёд набошанд лекин ҷой доранд.

**Хулоса.** Новобаста аз камбудиҳои дар боло зикргардида, ки арзиши илмию амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд, диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзуи «Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902 - Сабзавотпарварӣ гардидааст, кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст ва ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267» тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902 - Сабзавотпарварӣ сазовор мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
Доктори илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ, Сарходими илмии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ Ҳ.Н. Назиров

23-уми январи соли 2026

Суроға: 735022, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Ваҳдат, ҷамоати А.Абдувосиев, деҳаи Гулрез-65,
тел: (+992) 90-741-88-23, E-mail: hnazirov@mail.ru

Имзои Ҳ.Н. Назиров - ро тасдиқ менамоям:
Сармутахассис оид ба кадри Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ М.Н. Музафарова

Суроғаи муассиса: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 21а, тел: (+992-37) 221-54-43; E-mail:bogparvar@mail.ru